**Такризи**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019»**

Дар охири асри XX дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд. Тоҷикистон Истиқлолияти Давлатӣ ба даст оварда, ба эъмори сохторҳои нави ҳокимият пардохт. Дар мамлакат ба ҷомеаи бисёрҳизбӣ асос дода шуда, аксарияти созмонҳо ва иттиҳодияҳои ба вуҷудомада, характери маҳалгароӣ ва мазҳабӣ доштанд. Дар шароити мубориза ҳои шадиди ҳарбӣ-сиёсӣ ҲХДТ ба майдони сиёсат ворид шуда дар муддати кӯтоҳтарини тарихӣ ба яке аз пурқувваттарин созмонҳои сиёсӣ табдил ёфтааст.

Дар рисолаи Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ 1994-2019» масоили заминаҳои таъсисёбӣ, рушд ва нақши ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти ҷомеа ва давлат дар даврони истиқлолият, бо такя ба маводҳои бойгониҳои ҷорӣ, адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳои ҳукуматӣ, санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

Дар тадқиқот муаллиф таърихи ташаккул ва рушди 25-солаи ҲХДТ- ро, ки бисьёр воқеаҳои таърихиро аз сар гузаронид ва бевосита дар ҳамаи дастовардҳои Тоҷикистон дар сафи пеши сиёсӣ ва идеологӣ буд, инъикос менамояд. Дар он ташаккулёбии ҳизб дар давраи мушкилот ва муборизаҳои сиёсӣ, паст рафтани иқтисодиёт, фарҳанг ва сатҳи иҷтимоии ҷомеа дар солҳои мудҳиши ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) ва дар давраи ба даст овардани истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (1994– 27 июни соли 1997), баъдан ширкати ҲХДТ дар фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ (1997 – 2001) объективона нишон дода шудааст.

Дар рисола фаъолияти минбаъдаи ҲХДТ дар давраи «барқарорсозии баъд аз низоъ» ва рушду нумӯъи Тоҷикистони

соҳибистиқлол солҳои 2001 – 2016 яке аз масъалаҳо асосӣ мебошад. Ин давра барои ҲХДТ давраи дарёфти дастовардҳои назаррас дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти ҷомеа, давраи рушди демократия ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ, давраи амалисозии лоиҳаҳои калон дар соҳаи иҷтимоиёту иқтисодиёт, фарҳангу маориф, тандурустиву ободонии кишвар ва аз ҳама муҳимаш дар иҷрои вазифаҳои стратегии малакат мебошад.

Нававарии илмии таҳқиқот дар он аст, ки бори нахуст фаъолияти ҲХДТ дар шакли рисолаи илмӣ тадқиқ гардида, дар зимни он ба адабиёти илмии дар ин самт таълифгардида баҳои илмӣ дода шудааст.

Диссертатсия дорои аҳаммияти илмӣ–назариявӣ ва амалӣ буда, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқон ва муаррихон ҷиҳати муайян намудани роҳҳои инкишофи минбаъдаи ҳизбҳои сиёсӣ, пеш аз ҳама ҲХДТ кӯмаки воқеӣ расонанд.

Маводи дар диссертатсия овардашуда барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат, махсусан фаъолияти минбаъдаи ҲХДТ имконият медиҳанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистони муосир хеле муфиданд.

Хулосаҳои назарявии муаллиф, муқаррарот, натиҷаҳои илмӣ-назариявии асосӣ, пешниҳодот ва тавсияҳои амалӣ доир ба диссертатсия барои омӯзиши таърихи давраи истиқлолияти Тоҷикистон ва дар таърихнигории халқи тоҷик аҳамияти илмӣ-амалӣ дорад.

Ҳамин тариқ, рисолаи доктории Қурбонова Ширин Исмоиловна «Нақши Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019» ки барои ҳимоя пешниҳод шудааст, таҳқиқоти нодир, мустақилона ва комил буда, ба талаботи таъйиншуда нисбат ба рисолаҳои барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих мувофиқ аст. Рисолаи мазкур аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вироиш ба талаботи муқаррарнамудаи Дастури КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон нисбат ба рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ мувофиқ буда, муаллифи рисола ба гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих мутобиқ ба ихтисоси 07.00.02 – **Таърихи ватанӣ** арзанда аст.

**Мушовири илмӣ доктори илмҳои таърих,**
**ҷонишини директори Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии**
**ба номи А. Дониши Академияи илмҳои**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Абдурашитов Фозил Маматович**

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам**
**Сардори ШК** **Файзуллоева Г.**